***ТКБ 8Т2***
***DOI:10.51844-2077-4990-2022-4-130-137***

# ***ТАҲЛИЛ ВА ТАСНИФИ САРЧАШМАҲОИ АСОСИИ «ҶАВОМЕЪ-УЛ-ҲИКОЁТ» - И МУҲАММАД АВФИИ БУХОРОӢ***

***Агзамова Рухшона Эҳсоновна**, унвонҷӯи кафедаи забон ва адабиёти тоҷики факултети забонҳои Шарқи МДТ "ДДХ ба номи акад.Б. Ғафуров (Тоҷикистон, ш. Хуҷанд)*

# ***АНАЛИЗ И КЛАССИФИКАЦИЯ ИСТОЧНИКОВ «ДЖАВАМЕ'-УЛ-ХИКАЙЯТ» МУХАММАДА АУФИ***

***Агзамова Рухшона Эхсоновна**, соискатель кафедры таджикского языка и литературы факултета восточных языков ГОУ "ХГУ имени акад.Б. Гафурова (Таджикистан, Худжанд)*

# ***"JAWAME'-UL-HIKAYAT" by MUHAMMAD AUFI, ANALYSIS AND CLASSIFICATION OF ITS SOURCES***

***Azamova Rukhshona Ehsonovna**, claimant for master's degree of Tajik language and literature department of the faculty of Oriental studies under the SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:** arukhshona84@gmail.com*

***Вожаҳои калидӣ**: сарчашмаҳо, таърихӣ, динӣ-ирфонӣ, панду ахлоқӣ, илмӣ, сиёсӣ-идорӣ*

*Мақола ба масъалаи муҳими адабиётшиносӣ – омӯзиши сарчашмаҳо дар асари донишманд ва тазкиранависи асрҳои XII-XIII Муҳаммад Авфии Бухороӣ "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт" бахшида шудааст. Муаллиф хизмати олимони ватаниву хориҷиро дар таҳқиқи ҳаёт ва эҷодиёти муаллифи асари "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт" Муҳаммад Авфии Бухороӣ махсус таъкид намуда, иброз менамояд, ки масъалаи омӯзиши сарчашмаҳо ҳанӯз мавриди баҳси муфассал қарор нагирифтааст. Муаллифи мақола бинобар гуногунмавзӯъ ва аз ҷиҳати теъдод хеле зиёд будани сарчашмаҳо онҳоро муайян намуда, ба гурӯҳҳо тасниф менамояд. Муаллиф сарчашмаҳоро аз лиҳози мавзӯъ ба гурӯҳҳои махсус, ба мисли таърихӣ, панду ахлоқӣ, динӣ-ирфонӣ, илмӣ ва сиёсӣ-идорӣ ҷудо намуда, кӯшидааст оид ба ҳар яке аз онҳо маълумоти зарурӣ пешниҳод менамояд.*

***Ключевые слова**: источники, исторические, морально-этические, религиозно-суфийские, научные и политико-управленческие*

*Статья посвящена актуальному вопросу литературоведения – изучению источников в произведении "Джаваме'-ул-хикайят" писателя и антолога XII-XIII веков Мухаммада Ауфи. Автор статьи особо отмечает заслуги отечественных и зарубежных ученых в исследовании жизни и творчества автора данного произведения Мухаммада Ауфи, и подчеркивает, что проблема изучения источников данного произведения ещё не была предметом тщательного изучения. Ввиду многонаправлености и многочисленности источников автор сперва определяет их, а затем их классифицирует. Автор согласно их тематикам подразделяет источники на специальные группы, такие как: исторические, морально-этические, религиозно-суфийские, научные и политико-управленческие, и представляет необходимые сведения по каждому из этих источников.*

***Keywords**: sources, historical, moral-ethical, religious-sufi, scientific and political-administrative*

*The article is devoted to the topical issue of literary criticism – the study of sources of "Jawame'-ul-hikayat wa lavame'-ur-riwayat" the work of the great writer and anthologist of the XII-XIII centuries Muhammad Aufi. The author of the article especially notes the merits of domestic and foreign scientists in the study of the life and work of the author Muhammad Aufi, and emphasizes that the problem of studying the sources of this work has not yet been the subject of a thorough study.In view of the multidirectionality and multiplicity of sources, they have been first defined, and then classified by the author. The author divides the sources according to their topics into special groups, such as historical, moral and ethical, religious and sufi, scientific, political and administrative, and provides the necessary information on each of these sources.*

«Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ ба қавли ховаршиноси машҳури англис Рейнолд Николсон "Укёнуси ҳикоёт" [18,с.13] ва ба андешаи муҳаққиқони дигар "доиратулмаорифи форсӣ" [18, с.35; 9, с.38;16,с.80] ва "як навъ ҷамъбасти насри ахборию ҳикоятии адабиёти форсӣ" [12, с.152] арзёбӣ шудааст. Асари мазкур дарвоқеъ, яке аз шоҳасарҳои адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ буда, ба ҳайси манбаи бузурги иттилоотӣ шоистаи таҳқиқ, таваҷҷуҳ ва муаррифӣ мебошад.

«Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" асари сирф таърихӣ набуда, балки фарогири анвои матолиби омехташудаи адабию таърихӣ мебошад. Дар он ҳикоёти таърихиву адабӣ бо равиши хоси муаллиф дастабандӣ гардида, бо риояи қолаби таълифу тарҷумаи матнҳои таърихии давраи исломӣ ва ҷуғрофиёи асрҳои миёна, бо роҳи истифодаи фарохи обуранги бадеӣ таълиф шудааст.

Муаллифи асари мазкур дар қолаби "ҳикоят" матолиби зиёди улуми гуногун, аз ҷумла фалсафӣ, диниву ирфонӣ, илмиву табиӣ ва махсусан ҳикоёти панду ахлоқиро ҷой дода, бо ҳунари баланди эҷодӣ ҳодисоту воқеоти таърихӣ ва саргузашту корномаҳои қаҳрамонҳои ривоёташро барои хонанда ҳамчун дастури ибрат ва панди зиндагӣ манзур кардааст.

Муҳаммад Авфии Бухороӣ аз донишмандон ва тазкиранависони машҳури қарни XII ва ибтидои қарни XIII мебошад. Авфӣ дар Бухоро байни солҳои 1171-1176 таваллуд шуда, даврони ҷавониаш дар ҳамин шаҳр гузаштааст. Сипас, чанде баъд бо мақсади донишандӯзӣ ва такмили маърифат ба сафар баромада, дар шаҳрҳову марказҳои илмии бонуфуз, дар маҳзари устодону донишмандони маъруфу овозадори давр машғули таълим мешавад. Аз ҷумла, дар нуқоти зиёди Мовароуннаҳру Хуросон ва Ҳинд – шаҳрҳои Самарқанд, Хоразм, Марв, Ҳирот, Нишопур, Исфизор, Исфароин, Шаҳринав, Сиистон, Фараҳ, Ғазна, Лоҳур, Деҳлӣ сафар карда, бо бисёре аз шоҳзодагон, амирон ва орифону олимон шиносоӣ пайдо кардааст.

Роҷеъ ба масири зиндагии Авфӣ дар тазкираҳо маълумоти зиёд оварда шудааст, аз ҷумла дар мавриди насабаш соҳибони асарҳои муътабар аз қавли худи Авфӣ баён доштаанд, ки Муҳаммад Авфӣ аз наводагони яке аз саҳобагони баландмақоми Муҳаммад пайғомбар (с) - Абдурраҳмон ибни Авф мебошад, ки дар вақташ халифа Умар барои интихоби ҷойнишини худ ӯро дар қатори шаш нафар баргузида буд [2, с.24]. Насаби Муҳаммад Авфӣ ба ҳамин нисбат, яъне нисбаи Абдурраҳмон ибни Авф шинохта шудааст.

Аз зиндагиномаи Авфӣ ва аз ҳодисоту воқеоти давраи мазкур, умуман ҳаёти иҷтимоиву сиёсии замони маълум мегардад, ки ҳамлаи муғул маҳз дар ҳамин вақт ба Мовароуннаҳру Хурсон сурат гирифтааст ва ин амр сабаб гардидааст, ки Авфӣ тарки Ватан карда, ба билоди Синд ҳиҷрат кунад ва дар он ҷо риштаи ҳаёти хешро ба дарбори Султон Шамсуддин Элтутмиш пайванд диҳад.

Авфӣ бо асарҳои арзишманд ва воломақоми худ дар адабиёти форсу тоҷик ҷойгоҳи махсусро ишғол намудааст. Махсусан, хидмати ӯ дар муаррифӣ ва аз боди фано эмин нигоҳ доштани эҷодиёти гаронбаҳои шоирону адибони форсӣ-тоҷик, тавассути тазкираи "Лубоб-ул-албоб", ки дар шинохти мероси "давраи сукут" ва баъд аз он хеле арзишманд аст, дарвоқеъ шоистаи таҳсин ва мояи ифтихори ӯст. Муаллифи китоби "Таърихи адабиёт дар Эрон" Забеҳуллоҳи Сафо дар тадқиқоти худ роҷеъ ба арзиши таърихиву адабӣ ва аҳамияти иттилоотӣ доштани "Лубоб-ул-албоб"-ро ба сифати ягона манбаи адабӣ дар шинохти шоирону адибон мукарраран таъкид намудааст [13].

Аммо бозгӯ намудани шуҳрати босазои "Лубоб-ул-албоб" ва арзишу аҳамияти он аз доираи ин мақола берун аст, зеро нуктаи дигари таҳрикдиҳанда ба тадқиқи авфипажуҳӣ боз дар он мушоҳида мешавад, ки китоби «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт»-и ӯ низ аз аз ҷумлаи муътабартарин ва арзишмандтарин кутуби насрии қарни XII-XIII ба ҳисоб рафта, паҳлуҳои таҳқиқнашудаи зиёд дорад. Чуноне ки худи Авфӣ дар дебочаи ин асар зикр менамояд, онро бо амри Носируддини Қубоча оғоз намуда, баъд аз фавти ин амир ва ғалабаи Шамсуддин Элтутмиш дар соли 1232-1233 таълифи онро ба итмом мерасонад. Аз ахбори сарчашмаҳои таърихӣ маълум мегардад, ки Авфӣ ба дарбори Элтутмиш, маҳз бо даъват ва пешниҳоди вазири султон Элтутмиш - Низомулмулк Қавомуддини Ҷунайдӣ ворид шуда буд, аз ин хотир баъди итмом ӯ китоби "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт"-ро ба ин вазир мебахшад [1, с.2-3].

«Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" шомили чаҳор бахш ва иборат аз бисту панҷ боб мебошад ва паҳлуҳои гуногуни он то имрӯз мавриди омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи олимон қарор дорад.

Дар ин мақола мо ҳадалимкон кушиш кардем, ки дар перомуни сарчашмаҳо ва маъхазу манобеи аслии "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт"-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ пажуҳише анҷом дода, меъёру дараҷаи истифодашавии онҳоро ба силки таҳқиқ кашем. Зеро муҳимияти ин мавзӯъ бо он зоҳир мегардад, ки асари "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" гарчанде мавриди таҳқиқи олимони ватаниву хориҷӣ гардидааст, баррасии ҷудогона ва махсуси сарчашмаҳои дар он истифодашуда ва принсипу меъёрҳои истифодашавии онҳо ҳанӯз ба таври бояду шояд ба амал наомадааст.

Илова бар ин, то ин дам матни пурраи интиқодии асар дар ҳеҷ як аз мамолики Шарқу Ғарб ба нашр нарасидааст, ки маҳз ҳамин нукта омили таҳқиқталаб будани ин мавзӯъро собит

менамояд. Албатта, гузидаву баргузидаҳо ва мунтахабу гулчинҳои ҳикоёти ин шоҳасар аз ҷониби олимону адибон [3,с.4; 5,с.8,-9; 10,с.11-12; 15,с.16-18] ҷамъоварӣ ва нашру бознашр шудааст, ки аз аҳамияту арзиши бадеии он дарак медиҳад. Азбаски нуктаи меҳварии ин мақола дигар масъаларо дарбар мегирад, мо таҳлилу баррасии дараҷаи омӯхташавии асари мазкурро ба мақолаи дигар мегузорем.

Дар шинохту омӯзиши шахсияти Муҳаммад Авфӣ ва асари гаронарзиши ӯ “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт” хидмати мондагору барҷастаи донишманди ҳиндӣ Муҳаммад Низомуддин шоистаи зикр аст. Зеро Муҳаммад Низомуддин дар меҳвари рисолаи появии худ, ки бо унвони "Мадхали Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт"-и Садидуддин Муҳаммад ал-Авфӣ [18] шуҳрат дорад, дар баробари таҳқиқи ҷанбаҳои норавшани ҳаёти Авфӣ, инчунин дар асоси санадҳо мазмуну мундариҷа ва сохтори “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт "- ро бо як низому равиши махсуси тартибдодааш таҳлилу баррасӣ намудааст. Аз ин рӯ, аксар олимоне, ки ба таҳқиқи ҷанбаҳои мухталифи ҳаёт ва осори Авфӣ ӯ даст задаанд, асосан такя ба ин рисолаи олими ҳиндӣ кардаанд.

Муҳаммад Низомуддин дар рисолаи хеш теъдоди асарҳои дар «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт» ҳамчун манбаъ ва маъхаз номбаршударо 93 номгӯ ҳисобидааст. Дигар муҳаққиқон [8,с.9-12] низ зимни омӯзиши аҳвол ва осори Муҳаммад Авфии Бухороӣ ба масъалаи сарчашмаву манобеи он таваҷҷуҳ намуда, бештари маълумоти онҳо бо китоби Муҳаммад Низомуддин мувофиқат доранд ва ҳамин шумораро онҳо низ айнан зикр кардаанд.

Дар навбати худ мо низ заминаи нишондодҳои муҳаққиқони зикршуда ва аз рӯи сармашмаи аслӣ теъдоди манбаъҳоро муайян намуда, бо мақсади муайян намудани умумият ва вежагиҳои сохтории асар онҳоро гурӯҳбандӣ ё худ тасниф намудем. Маълум гардид, ки қисме аз сарчашмаҳо ба таври воқеӣ дар “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” истифода шудаанд ва қисми дигар бошад танҳо номи он асарҳо аз ҷониби муаллиф зикр гардидаанд. Сарчашмаҳоро вобаста ба мазмуну муҳтаво ва дараҷаи истифодашавиашон дар матни “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” ба 5 гурӯҳ: таърихӣ, панду ахлоқӣ, динӣ-ирфонӣ, илмӣ ва сиёсӣ-идорӣ тақсим намудем.

**1.Сарчашмаҳои таърихӣ.** Ин гурӯҳи сарчашмаҳо шомили таърихномаҳое мебошанд, ки барои шарҳи воқеоти таърихӣ истифода шудаанд. Китобҳои “Ғурар-ус-сияр”, “Таърихи Табарӣ”, “Ахбори Баромика”, “Таърихи хулафои Банӣ Аббос” ва дигар таърихномаҳо аз ҷумлаи ин гурӯҳи сарчашмаҳо мебошанд.

***“Ғурар-ус-сияр”.*** Ин асар яке аз сарчашмаҳои асосии “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” мебошад, ки онро Абӯмансур ибни Абдураззоқ Саолибии Нишопурӣ (в.1038) таълиф намудааст. Номи пурраи асар “Ғурар ахбор мулук –ал- фурс ва сияруҳум” буда, ҳамчунин бо унвонҳои “Ғурар-ус-сияр”,“Таърихи Саолибӣ” ё “Шоҳномаи Саолибӣ” машҳур аст.

Ин асар дар “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” асосан дар боби чоруми қисми якум “Дар зикри шоҳони қадимаи Форс” зиёд истифода шудааст.

***“Таърихи Табарӣ”.*** Муаллифи ин асар донишманди маъруфи қарни IX Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ мебошад. Аз миёни осори Табарӣ асари машҳури ӯ “Таъриху-р-русули-вал-мулуки”, ки бештар бо номи “Таърихи Табарӣ” машҳур аст, ҳамчунин аз ҷумлаи сарчашмаҳои асосии “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” маҳсуб мешавад. Бино ба маълумоти Муҳаммад Низомуддин ин китоб дар “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” 20 маротиба зикр гардидааст [18, с.51]. Ин сарчашма, махсусан, дар ду боби қисми аввали “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” – боби чаҳорум “Дар зикри шоҳони қадимаи Форс” ва боби панҷум “Дар зикри халифаҳо” зиёд истифода шудааст.

**“Ахбори Баромика”.** Аз таърихномаҳои дигаре, ки ба ҳайси манбаи “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” шинохта шудааст, китоби “Ахбори Баромика” мебошад. Муаллифи ин асар муаррих ва ровии маъруф Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Имрон ибни Мусо ибни Саид ибни Абдуллоҳи Марзубонӣ (с.т.988) мебошад.

Дар сарчашмаҳо китоби “Ахбори Баромика” бо унвони пуррааш – “Ахборил Баромика мин ибтидои амриҳим ила интиҳоиҳи” бар ҳаҷми 500 варақ зикр шудааст [17, с.2583]. Аз матни “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” бармеояд, ки ин асар ягона манбаи ҳикоёти марбут ба хонаводаи Бармакиён набуда, аз миқдори зиёди ҳикоёти марбут ба ин хонавода, беш аз 30 ҳикоят, танҳо дар се маврид номи ин китоб зикр шудааст [18, с.39]. Аз ин маълум мешавад, ки Авфӣ дар ин ҷода аз сарчашмаҳои дигар низ истифода кардааст, ки мутаассифона, аз номи китоб ва аз номи муаллифи он иттилоъ дар даст нест.

Дар “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” ин сарчашма дар се ҳикоят – дар боби 5 аз қисми 2 “Дар фазилати улувви ҳиммат”, дар боби 9 аз қисми 2 “Дар фазилати сахо”, дар боби 14 аз қисми 3 “Дар мазаммати хасосат” танҳо номи китоб бе зикри муаллифи он оварда шудааст.

Дар бораи хонаводаи Бармакиён асарҳои дигар низ таълиф шудаанд, ки эҳтимол онҳо манбаи маълумоти Авфӣ бошанд [ниг. 18, с.38].

***“Таърихи хулафои Банӣ Аббос”*** аз ҷумлаи асарҳоест, ки дар “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт”-и Авфӣ ҳамчун манбаи маълумот истифода шудааст, мутаассифона, аммо ин асар низ то замони мо омада нарасидааст. Номи муаллиф Абӯбакр Муҳаммад ибни Яҳё ибни Султекини котиб, маъруф ба Сулии Шатранҷӣ (в.335-336) буда, Авфӣ дар 9 ҳикояти марбут ба Аббосиён дар “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” аз он истифода кардааст.

**2.Сарчашмаҳои панду ахлоқӣ.** Ин гурӯҳ шомили асарҳои панду ахлоқӣ буда, осори ҳам арабӣ ва ҳам форсиро дар бар мегирад. Аз сарчашмаҳои маъруфи ин навъи осор, ки муаллифи “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” аз он фаровон истифода кардааст, китоби “ал-***Фараҷ баъд аш-шиддат”*** мебошад**.**

“Фараҷ баъд аш-шиддат” идомаи анъанаи “Фараҷ баъд аш-шиддат”-нависӣ буда, он дарбаргирандаи маҷмӯи қиссаву ҳикоятҳое маҳсуб меёбад, ки дар атрофи як мавзӯи меҳварӣ, яъне раҳоӣ аз ранҷу душворӣ, тавассути омилҳои гуногун, яъне хислат ва амалҳои нек баҳс мекунад.

Ин асар низ яке аз манбаъҳои асосии “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” ба шумор меравад, зеро муаллиф аз сар то ниҳояти китобаш аз он мустафид гардидааст. Ин асар аслан ба забони арабӣ буда, ба қалами донишманди бузурги араб, шоир, адиб, қозӣ Абӯалӣ Муҳассин ибни Алӣ ибни Муҳаммад ибни Довуд ат-Танухӣ (с.в.994) тааллуқ дорад.

Бино ба маълумоти Муҳаммад Низомуддин наздик сеяки “Фараҷ баъд аш-шиддат”-и Танухиро Авфӣ дар бобҳои гуногуни “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” истифода намудааст [18, с.93]. Маҳз ҳамин нукта, яъне истифодаи фаровони асари ба забони арабӣ навиштаи Танухӣ дар “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” собит мекунад, ки Муҳаммад Авфӣ асари “ал-Фараҷ баъд-аш-шиддат”-и Танухиро ба форсӣ тарҷума карда будааст ва худи Авфӣ низ аз ин тарҷума мукаррараран хабар дода мегӯяд, ки: «Қозӣ Муҳассини Танухӣ китоби ал-Фараҷ баъд-аш-шиддат» таълиф кардааст андар ин маънӣ ва он китобе мақбул ва марғуб аст. Ва муаллифи ин китоб онро ба луғати порсӣ тарҷума кардааст ва бештари ҳикоёти он дар ин маҷмӯъ мастур аст»[1]. Мутаассифона, тарҷумаи Авфӣ то имрӯз ба мо нарасидааст ва умед дорем, ки рӯзе ин тарҷума аз махзани ягон китобхонаи канори олам пайдо мешавад.

Зеро аз эҳтимол дур нест, ки маҳз тарҷумаи Авфӣ ҳамчун сарчашмаи тоҷикӣ дар тарҷумаҳои дигари китоби “Фараҷ баъд аз шиддат“, аз ҷумла тарҷумаи Деҳистонӣ ва дигарон хидмат карда бошад, ки таҳлилу баррасии тарҷумаи ин асар мавзӯи таҳқиқии дигар аст.

Ин ҷо бояд таъкид намоем, ки тарҷумаи форсии *“Фараҷ баъд аз шиддат”-и Авфӣ низ дар қатори сарчашмаҳои дигар ҳамчун манбаи появӣ дар таълифи “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” хидмат кардааст.*

***“Калила ва Димна”.*** Аз асарҳои дигаре, ки ҳамчун сарчашмаи саҳим дар таълифи “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” шинохта шудааст, ин шоҳасари панду ахлоқии қадимуласли “Калила ва Димна” мебошад. Ин асар низ аз ҷониби Авфӣ дар “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” зиёд истифода шудааст. Аз ҷумла, дар се ҳикоят: боби 4 аз қисми аввал “Дар зикри мулуки Аҷам ва таърихи давлати эшон”, боби 12 аз қисми аввал – “Дар фавоиди ройҳои соиб, ки мулуки ҷаҳон аз он бархурдорӣ ёфтаанд”, боби 25 аз қисми 3 “Дар макрҳои занон ва ҳикояти кайдҳои эшон” истифода шудааст.

***“Қобуснома”*** Китоби гаронарзиши Амир Унсурулмаолии Кайковус “Қобуснома” низ дар ғанои матолиби зоҳириву ботинии “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт”-и Авфӣ нақши шоиста дорад. Маълум аст, ки Унсурулмаолӣ “Қобуснома”- ро барои писараш Гелоншоҳ таълиф намуда буд, аз ин рӯ, Авфӣ низ ҳангоми истифодаи ҳикоёти ин асар, суханашро бо ибораи “насиҳатҳое, ки Кайковус ба фарзанди худ карда буд” оғоз мекунад.

Ин асар як маротиба дар боби 15-уми қисми 2 “Дар фавоиди ҳазм” зикр мешавад ва Авфӣ номи асарро дар ҳикоят қайд намекунад. Чунончи, дар “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” омадааст: “Овардаанд, ки Шамсулмаолӣ Қобус Вушмгир дар аснои пандҳо, ки писарро медод, гуфт: Яке аз .... ”[1].

***“Уюн-ул-ахёр” ё “Уюн-ул-ахбор”-и Насафӣ.*** Муҳаммад Авфӣ дар “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” аз асари дигаре бо номи “Уюн-ул-ахёр” (ё “Уюн-ул-ахбор”) истифода намуда, номи онро зикр кардааст, ки он ба қалами Наҷмуддин Муҳаммад ибни Аҳмади Насафӣ тааллуқ дорад. Аз ин

асар танҳо як маротиба дар “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” ишора рафтааст, ки он ҳам дар боби 10-уми қисми дуюми китоб - “Дар баёни лутфу карам” омадааст.

Дар ин ҷо як нуктаи баҳсталаб боқӣ мемонад, роҷеъ ба муаллифи ин сарчашма. Яъне дар байни осори Насафӣ бо чунин унвон дар сарчашмаҳо ягон асар пайдо нашудааст. Ғайр аз ин, бинобар дуруст нуқтагузорӣ нашудан ҳанӯз маълум нест, ки шакли дурусти он “Уюн-ул-ахёр” аст ё “Уюн-ул-ахбор”, ки ин ҷониби дигари масъалаи муайян намудани сарчашма мебошад. Инчунин дар номи муаллиф низ як навъ норавшанӣ вуҷуд дорад, зеро Авфӣ бе зикри номи муаллиф мухтасаран Насафӣ мегӯяд ва ин ҳанӯз далели он нест, ки муаллифи асар ҳамон Наҷмуддин Умар Насафӣ аст ва ё Насафии дигар. Ин нуктаҳоро дуктур Низомуддин низ дар “Муқаддима” иброз медорад, аз ин хотир, номи ин сарчашмаи истифоданамудаи Авфӣ ниёз ба таҳқиқ дорад [18, с.65].

**Маъхазҳои диниву ирфонӣ.** Ин даста, сарчашмаҳоеро дарбар мегирад, ки ба мавзуоти улуми диниву ирфонӣ ва умуман улуми исломиву ахлоқии шаръӣ бахшида шудаанд ва ҳар яке вобаста ба мавзӯи бобҳо дар “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” истифода шудаанд. Аз ҷумла:

***Китабу-т-тайсир фи-т-тафсир.*** Муаллифи ин китоб Имом Наҷмуддин Абӯҳафс Умар ибни Муҳаммад ибни Аҳмади Насафӣ (с.т. 1068 - в.1142) фақеҳ, олими бузурги мазҳаби ҳанафӣ дар замони худ, мулаққаб ба “муфтию-с-сақалайн” мебошад [13,ҷ.2,с.947].

Муҳаммад Авфӣ дар “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” аз китоби “Ат-тайсир фӣ тафсир”-и Насафӣ - ро дар се маврид, ё дар се ҳикоят истифода кардааст. Дар боби 1 аз қисми аввал - “Дар маърифати Офаридгори таъоло ва тақаддус”, дар боби 5 аз қисми чорум - “Дар даавоти маъсур бо зикри даҳ шавад”, дар боби 19 аз қисми чорум - “Дар зикри аҷоиби тилисмот”.

***Тафсир ибн ал-Калбӣ.*** Дар “Феҳрист”- и Ибни Надим номи муаллифи китоб чунин омадааст: Абӯназр Муҳаммад ибни Соиб Калбӣ (в. 146 ҳ.) аз уламои Куфа дар тафсир ва ахбор ва саргузаштҳои мардум аст. Аз ҷумлаи китобҳои ӯ танҳо тафсири Қуръон ёд шудааст [7, с.160].

Дар “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” ин тафсир дар ду ҳикоят: яке дар боби 1 қисми якум - “Дар маърифати Офаридгор...” ва дигаре дар боби 24 қисми чорум - “Дар зикри ғароиби туюр” омадааст.

Мутаассифона, китоби мазкур аз байн рафтааст ва танҳо пораҳои онро дар таълифоти Замахшарӣ, Табарӣ ва Бағовӣ (Бақавӣ) мушоҳида кардан мумкин аст [18, с.39].

***Рисолаи қушайрия.*** Ин рисолаи ирфонӣ низ яке аз муҳимтарин маъхазҳои “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” маҳсуб меёбад, ки он ба қалами Абулқосими Қушайрӣ (с.т.986-с.в.1073) тааллуқ дорад. Ин фақеҳи бузурги нишопурӣ бино ба маълумоти Ибни Халликон дар илми фиқҳ, тафсир, ҳадис, усул, адабу шеър ва тасаввуф алломаи замони худ будааст [6, ҷ.1,с.542].

Истифодаи ин сарчашма дар “Ҷавомеъ” ба таври интихобӣ аз ривоятҳои он барои боби махсуси китоб дар бораи суфиён сурат мегирад. Муҳаммад Низомуддин ибрози ақида менамояд, ки Авфӣ асли арабии “Рисолаи қушайрия”-ро истифода намудааст ва наздик 13 нақлро дар ҳикоёташ аз ин китоб овардааст. Бештари ривоятҳои аз ин китоб овардашуда дар боби 3 аз қисми якум - “Дар зикри каромоти авлиё...” нақл мешаванд. Танҳо як ҳикоят аз ин сарчашма дар боби 10 аз қисми чорум - “Дар зикри ҷамоате, ки ба вартаи ишқ дармонданд ва ба мурод нарасиданд” оварда шудааст.

***“Рабиъ-ул-аброр”- и Замахшарӣ.*** Абулқосим Маҳмуд ибни (Умар) ибни Муҳаммад ибни Аҳмад аз-Замахшарӣ мулаққаб ба Ҷоруллоҳ дар деҳаи Замахшари Хоразм (с.1143) таваллуд ёфтааст. Аз умарои аиммаи улуми тафсир, ҳадис, наҳв, луғат, адаб, баён ва аз акобири ҳанафия будааст.

Номи пурраи асар дар ҷое чун “Рабиъ-ул-аброр фил адаб вал муҳозара”[17, с.2691] ва дар ҷои дигар “Рабиъ-ул-аброр ва нусус-ул-ахёр” ва “Равз-ул-ахёр”[18, с.69] омадааст.

Дар “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” асари Замахшарӣ танҳо як маротиба дар боби 24 аз қисми 4 “Дар зикри ғароиби туюр”, алалхусус, дар робита бо қиссаҳои мурғи анқо истифода шудааст.

**3.Маъхазҳои илмӣ.** Ин гурӯҳ шомили асарҳои илмӣ ё худ марбут ба улуми дахила, ба монанди табиат, ҷуғрофия, этнография, биология мебошад.

***“Осор-ул-боқия анил қурун ал-холия”*** Асари маъруфи муҳаққиқ, риёзидон, ҳиндшиноси бузург Абӯрайҳон Муҳаммад ибни Аҳмади Берунӣ (972-1048) “Осор-ул-боқия анил қурун ал-холия” аз ҷумлаи сарчашмаҳои “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” маҳсуб меёбад.

**“Осор-ул-боқия анил қурунил холия”,** ки бо номҳои дигар низ, ба мисли “Ал-осор-ул-боқия анил фуруъот ал-холия” ва “Ал-осорул боқия анил умумил холия” машҳур аст, аввалан ба забони арабӣ ва дертар ба забони форсӣ тарҷума шудааст. Ин китоб маълумоти судманди

таърихиро оид ба одоту суннатҳои миллату халқиятҳои гуногуни аҳди бостон то давраи худи муаллиф, ҷашну идҳои қавмҳои гуногун, масоили нуҷумӣ ва ғайраро дарбар мегирад.

Ин асари Берунӣ дар "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" мустақиман зикр намегардад, вале Авфӣ танҳо номи муаллифро зикр намуда, мегӯяд: "Абурайҳони Берунӣ овардааст дар кутуби худ ......"[1]. Яъне ҳарчанд Авфӣ номи сарчашмаро зикр намекунад, аммо аз матолиби асар ошкор мегардад, ки он "Осор-ул-боқия" аст.

Дар радифи ин гурӯҳ сарчашмаи маъруфи дигареро метавон ёдрас шуд. ***"Ал-масолик вал мамолик"-и Ибни Хурдодбеҳ.*** Ибни Хурдодбеҳ аз мардуми Хуросон буда, байни солҳои 820-826 ба дунё омадааст.

"Ал-масолик ва мамолик" асарест перомуни роҳҳо ва кишварҳо, ки бештар фарогири иттилооти ҷуғрофиёӣ аст, вале дар он маълумоти зиёди таърихӣ, адабӣ ва умуман улуми инсоншиносӣ роҳ ёфтааст [17, с.1573].

Соҳиби "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" аз китоби "Ал-масолик ва мамолик" танҳо як маротиба дар боби 17 дар бахши 4 "Дар зикри Рум, Ҳабаша ва Ҳинд" ёдовар шуда, аз матолиби он истифода мекунад. Худи Авфӣ ба ин ишора карда мегӯяд, ки дар чаҳор боби хотимавии бахши чорум ӯ аз асарҳои "Масолик ва мамолик" ва китоби "Табоеъ" ва ғайра фаровон истифода кардааст (1).

***"Китоб-ул-ҳайвон".*** Ин асар ба қалами донишманд ва файласуфи машҳури араб Абӯусмон Амр ибни Баҳр ал-Ҷоҳиз ( с.т.767- с.в.869) тааллуқ дорад. Ин асар аз якчанд боб иборат буда, фарогири маълумоти марбут ба арабҳо, зисти онҳо, урфу одат, ақида, улум, шеъру адаб, амсолу баён ва илми калом, инчунин дар бораи тамаддун ва таъриху фарҳанги давраи Аббосиён, мулуку тавоифи гуногуни қадима, дин ва сиёсати онҳо, тиббу амрози мухталифа ва монанди ин мебошад.

Ин асар низ ҳамчун яке аз сарчашмаҳои "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" шинохта шудааст, зеро дар "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" дар боби 1 аз қисми сеюм - "Дар ихтилофи табоеи инсон" бо зикри номи китоб ва номи муаллиф истифода шудааст.

Қобили зикр аст, ки дар ҳеҷ як феҳристи осори марбут ба Ҷоҳиз номи китоб таҳти "Табоеъ ул-ҳайвон", чуноне ки дар "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" омадааст, ба назар нарасид. Шояд Авфӣ саҳван ба ҷои "Китаб-ул-ҳаявон" онро "Табоеъ-ал-ҳайвон" зикр карда бошад.

**4.Сарчашмаҳои дорои матолиби сиёсӣ ва умури давлатдориву идоракунӣ.** Аз асарҳое, ки дар саргаҳи ин даста ҷой гирифтааст, китоби ***"Дастур-ул-вузаро"*** мебошад. Бино бар қавли худи Авфӣ - Султон Разиюддин Иброҳим ибни Масъуд ибни Маҳмуди Ғазнавӣ, мулаққаб ба Заҳируддавла (с.ҳ. 1059-1099) мебошад. Мутаассифона, бо вуҷуди кӯшишҳои зиёд ба мо муяссар нагардид, ки оид ба ин асар ва муаллифи он аз сарчашмаҳои дастраси худ маълумот пайдо намоем. Аз ин рӯ, дар айни замон манбаи ягона ва шоҳиди арзи вуҷуд доштани ин асар танҳо худи "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" маҳсуб меёбад, дар ҳоле ки ин асар аз ҷумлаи осори азбайнрафта шинохта шудааст [9, с.42].

Аз ин сарчашма дар "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" танҳо як ҳикоят дар боби 13 аз бахши сеюм "Дар мазаммати фазозат ва дуруштхӯӣ ва мадҳи рифқу нармсорӣ" оварда шудааст.

***Васиятномаи Низомулмулк.*** Аз навиштаҳои Хоҷа Низомулмулк, ки ба ҳайси манбаи "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" шинохтан мумкин аст, ин васиятномае мебошад. Бино бар қавли Забеҳуллоҳи Сафо он мактубе аст, ки дар зикри шароити вазорат ва баъзе васоё ва супоришҳо, ки Низомулмулк ба писари худ Абулфатҳ Фахрулмалик навишта буд ва аз он нусахе бо номи "Васоёи Низомулмулк" ё "Дастур-ул-визора" мавҷуд аст [13, ҷ.2, с.907].

Ин сарчашма дар "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" дар боби 17 қисми 2 "Дар фазилати ҷидду ҷаҳд" истифода шудааст.

Дар маҷмӯъ гуфтан мумкин аст, ки нуктаи меҳварии ин мақола, пеш аз ҳама, таснифи сарчашмаҳо, ҳамчун манбаву маъхази асосии китоби "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт" буд. Он маълумоте, ки дар бораи чанд асари таърихӣ, адабиву панду ахлоқӣ, диниву ирфонӣ ва илмӣ баён доштем, ин нишонае аз анбӯҳи матолиби судманди ин китоби арзишманд ва теъдоде аз миқдори зиёди сарчашмаву маъхазҳои гуногуннавъ буд, ки мо онро дастабандӣ намудем.

Хулосаи ниҳоӣ он аст, ки таҳқиқи сарчашмаҳо дар "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт"- и Муҳаммад Авфии Бухороӣ, агар аз як ҷониб дараҷа ва принсипу меъёрҳои истифодашавии онҳоро тариқи тасниф ва муайян намудан мусоидат намояд, аз ҷониби дигар барои бозгӯ ва муаррифии осори ғайришинохта ва ё азбайнрафта хидмат менамояд, ки дар маҷмӯъ дорои аҳамияти илмӣ дар рушди илми сарчашмашиносӣ буда метавонад.

Гузашта аз ин, унвони сарчашмаҳо ё муаллифони онҳо дар “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” хеле зиёд ба мушоҳида мерасанд, ки метавон аз ин матолиб паҳлуҳои таҳқиқнашудаи ин осори гаронқадрро муайян намуд. Яъне “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт”-и Авфӣ аз як ҷониб метавонад, барои эҳё ва идомаи осори насри таълифии давраи асримиёнагӣ истифода шавад ва аз тарафи дигар дар кашфи асарҳои нав ва ё масъалаҳои нокушудамондаи осори классикии куҳан хидмат кунад.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Авфии Бухороӣ. Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт. Нусхаи китобхонаи миллии Порис.(Suppl.persan 906). - 359 с.
2. Авфӣ, Муҳаммад. Лубоб-ул-албоб. Аз рӯи тасҳеҳи Э. Браун. Бо муқаддимаи Муҳаммад Қазвинӣ, таҳқиқот ва таълиқоти Саид Нафисӣ/М.Авфӣ. – Теҳрон: Ҳермес,1389.- 1082 с.
3. Авфӣ, Муҳаммад. Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт. Матни интиқодӣ, ба муқобалаву тасҳеҳ ва таҳшияву таълиқи Мазоҳири Мусаффо. Ҷузъи аввал аз қисми чорум/М.Авфӣ.-Теҳрон. 1370. - ҷ.4, с.198
4. Бақоев, М. Ҳаёт ва осори Муҳаммад Авфӣ. Гулчини “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт/М.Бақоев.-Душанбе: Ирфон,1966.
5. Вохидов, С. Жизнь и творческое наследие Мухаммада Авфи/С.Вохидов.-Душанбе: Дониш, 1989 – 168с.
6. Деҳхудо, Алиакбар. Луғатнома/А.Деҳхудо.-Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, чопи дуввум аз давраи ҷадид, 1377. Ҷ.1. – 1599 с.
7. Ибни Надим. Ал-Феҳрист. Тарҷумаи Ризо Таҷаддуд/И.Надим. – Теҳрон, 1381. – 851 с.
8. Муин, Муҳаммад. Тарҷумаи аҳволи Авфӣ. Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёти Садидуддин Муҳаммад Авфӣ/М.Муин.- Теҳрон, 1340.- С.1-80.
9. Мусаффо, Амирбону. Манобеи гумшудаи “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт”/А.Мусаффо// Маҷаллаи Гавҳар, 1354. Шумораи 25. – С. 38-45
10. Мусаффо, Амирбону. Муқаддимаи мусаҳҳеҳ. Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёти Садидуддин Муҳаммад Авфии Бухороӣ.-Теҳрон: Интишороти Бунёди фарҳанги Эрон,1352.
11. Салимов, Н. Марҳалаҳои услубӣ ва таҳаввули анвоъи наср дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои IX-XIII)/Н.Салимов.-Хуҷанд: Нури маърифат, 2002. – 398 с.
12. Сангова, Ҳ. Таркиб ва мундариҷаи “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт”/Ҳ.Сангова// Дисс. номз. илм. филол. – Душанбе, 2003. - 169 с.
13. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон. Ҷ. 2./З.Сафо. – Теҳрон: Интишороти Фирдавс, 1369. Ҷ. 2. – 1128 с.
14. Танухӣ, Абуалӣ Муҳассин ибни Алӣ. ал-Фараҷ баъд аш-шиддат. Би тасҳеҳи Аъбуд аш-Шолҷӣ. Ҷ.1-5/А.Танухӣ. – Байрут, Дор ус-содир, 1975
15. Хамробоев, Н. А. Хусайн Дехистани и перевод его книги "ал-Фарадж баъд аш-шиддат" / Н. А. Хамробоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – 2017. – № 4-2. – С. 249-260.
16. Хонсорӣ, Муҳаммад. Муаррифӣ ва нақди китоб: “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт”/М.Хонсорӣ.- Маориф, 1375, шумораи 38. - С. 80-92.
17. Ҳамавӣ, Ёқут. Муъҷам-ул-удабо. Иршод ал-ариб ила маърифатил адиб. Таҳқиқи Эҳсон Аббос. Бейрут: Дор-ул-ғарб ал-исламӣ. 1993. - 3541с.
18. Nizamuddin, Muhammad. Introduction to the Jawami ul-hikayat wa lawami ur-riwayat of Sadidud-Din Muhammad Al-Awfi. London: Luzac,1929. - 613 p.


**REFERENCES:**


1. Awfi al-Bukhari. Jawami’ul hikayat wa lawami’ ur riwayat. The Copy of National Library of Paris. (Suppl.persan 906). - 359 p.
2. Awfi, ڃuhammad. Lubab-ul-albob. Corrected by Edward G.Browne. Introduction by Muhammad Qazwini, research and supplement by Said Nafisi. – Tehran: Hermes,1389. - 1082 p.
3. Awfi, Muhammad. Jawami’ul hikayat wa lawami’ ur riwayat. The author of introduction commentaries Mazahir Musaffa. First chapter of the fourth part. Tehran. 1370. - v.4, p.198
4. Baqoev, M. The Life and Works of Muhammad Awfi. Collection of Jawami’ul hikayat - Dushanbe: Irfon, 1966.
5. Vohidov, S. The Life and Creative Heritage of Muhammad Awfi. Dushanbe: Donish, 1989 – 168 p.
6. Dehkhuda, Aliakbar. Lugatname. Tehran: Editing and Press Center of Tehran University, Second edition, 1377. V.1. – 1599 p.
7. Ibni Nadim. Al-Fehrist. Translated by Rizo Tajaddud/I. Nadim. – Tehran, 1381. – 851 p.

8. Muin, Muhammad. Awfi's Biography. Jawami'ul hikayat wa lawami ur riwayat of Sadiduddin Muhammad Awfi. - Tehran, 1340.- p. 1-80.
9. Musaffo, Amir Bonu. Lost sources of "Jawami'ul hikayat"// "Gavhar" Journal, 1354. No. 25. – pp. 38-45
10. Musaffo, Amir Bonu. Introduction of the author. Jawami'ul hikayat wa lawami' ur riwayat of Sadiduddin Muhammad Awfi. – Tehran: Background of Iran Culture,1352.
11. Salimov, N. Stylistic periods and the Transformation of the Prose Types in Persian -Tajik Literature (IX-XIII)/ - Khujand: Nuri ma'rifat, 2002. – 398 p.
12. Sangova, H. The Structure and Content of "Jawami'ul hikayat"// Disser. of candidate of philological sciences. – Dushanbe, 2003. - 169 p.
13. Safa, Zabihollah. History of Literature in Iran. V. 2. – Tehran: Firdavs, 1369. V. 2. – 1128 p.
14. Tanukhi, Abu Ali Muhassin ibni Ali. Al-Faraj ba'd ash-shiddat. Correcred by A'bud ash-Sholji. V.1-5. – Beirut, Dor-us-sodir, 1975
15. Hamroboev, N.A. Husain Dehistani and the Translation of the Book "Faraj ba'da shiddat"/N.A. Hamroboev// Scientific notes by Tajik National University. Series of Humanitarian Sciences. – 2017. – 4-2. – P. 249-260.
16. Khonsori, Muhammad. Introduction and review of the book: (Mu'arrifi wa naqdi kitob): "Jawami'ul hikayat". Maorif, 1375, No. 38. - pp. 80-92.
17. Hamavi, Yoqut. Mu'jam ul-udabo. Irshod al-arib fi ma'rifatil adib. Studied by Ehson Abbos. Beirut: Dor ul-gharb al-islami. 1993. – 3541p.
18. Nizamuddin, Muhammad. Introduction to the Jawami ul-hikayat wa lawami ur-riwayat of Sadidud-Din Muhammad Al-Awfi. London: Luzac,1929. - 613 p.